## Тақриз

**ба автореферати диссертатсияи Наимова Фарзона Меҳрубоновна дар мавзуи «Масъалаҳои адабиётшиносӣ дар мукотиботи Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ» барои дарёфти дарачаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ**

Огоҳии комил аз адабиёти оламшумули форсии тоҷикӣ, ки дар арсаи ҷаҳон камназир аст, ба адибони тавоное чун Садриддин Айнӣ ва Аблуқосим Лоҳутӣ имконият фароҳам овард, ки дар баробари таълифи осори арзишманди адабиву илмӣ, анъанаи номанигориро бо дараназрдошти ниёзҳои нави иҷтимоӣ идома диҳанд. Бо сабаби пурвусъат будани донишу маҳорат ва дидгоҳу ҷаҳонбинӣ фаъолияти Садририддин Айнӣ гуногунсамт буда, дар он нома ва номанигорӣ аз мавқеи муҳим бархурдор аст. Аз ҷумла, номаҳое, ки ба шоири моҳир устод Абулқосим Лоҳутӣ навиштааст, далели гуфтаҳои мо мебошанд.

Мукотиботи алоқаманде, ки тӯли солҳои дароз ин абармардони миллат барои якдигар равон кардаанд, чунин аён мегардад, ки ҳам устод Айнӣ ва ҳам А. Лоҳутӣ мисли ду бародари ҳамқисмат дар сари масъалаҳои ҳам иҷтимоӣ ва ҳам масъалаҳои эҷодӣ-адабӣ муроҷиат намудаанд ва дар ҳалли мушкилот аз таҷрибаю дониши васеи бузурги якдигар истифода мекарданд.

Ҳарчанд аз ин ду устоди бузурги забону адабиёти форсии тоҷикӣ мактубҳои сершуморе барҷой монда бошад ҳам, вале то кунун онҳо аз назари улуми суханшносӣ пажӯҳиш нагардида, ҳанӯз дар ин масъала сухани ногуфта бисёр аст. Ин дар ҳолест, ки баъзе ҷиҳатҳои мукотиботи Садриддин Айнӣ аз ҷониби адабпажӯҳон мавриди тадқиқ қарор гирифтааст. Аммо масъалаи адабиётшиносӣ ва инъикоси он дар мукотиботи Айниву Лоҳутӣ дар мадди назарҳо барканор монда буд, ки хушбахтона. Наимова Фарзона Меҳрубоновна ба омӯзишу баррасии ҳамин масъала мароқ зоҳир намуда, дар ин замина рисолаи номзадии хешро омада сохтааст.

Рисолаи мавсуф «Масъалаҳои адабиётшиносӣ дар мукотиботи Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ» унвон дошта, муаллиф афкори хешро дар қолаби муқаддима, се боб, фаслҳову хулоса тарҳрезӣ намудааст. Муқаддимаи диссертатсия аз рӯи талабот таҳия шуда, унвончӯ дар он масъалаҳои муҳимияити мавзуъ, дараҷаи омӯзиш, предмет ва объекти таҳқиқ, асосҳои назариву методологӣ ва ғайраро дар асоси сарчашмаҳо ва осори таҳқиқии соҳа ҳамаҷиҳата таҳлилу баррасӣ намудааст, ки далели дақиққории ӯ мебошанд. Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда дар ҳашт пункт тазаккур дода шудааст, ки бори дигар шаҳодат медиҳанд, ки муҳаққиқ ба умқи масъала фурӯ рафта, ба аҳдофи хеш расидааст.

Бобу фаслҳои диссертатсия аз рӯи талаботи таълифи рисолаи илмӣ тарҳрезӣ гардида, дар ҳар кадоме аз онҳо як масъалаи муайн мавриди таҳлилу тадқиқ қарор гирифтааст. Дар рисола масоили робитаи дӯстӣ ва эҷодии Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ, шарҳи ҳоли ин устодони барҷаста, таъқиботи сталинӣ ва таъсири он ба руҳияи соҳибони номаҳо, инъикоси фаъолияти шахсияитҳои адабиву фарҳангӣ ва сиёсиву ҷамъиятӣ, афкори адабию эстетикии ин ситораҳои адабиёти муосири тоҷик, анъана ва навоварӣ, омӯзишу баррасии мероси адабиёти гузашта, забони тоҷикии адабӣ ва забону услуби адибони ҷавон ва ғайра, ки дар мукотиботи эшон тазаккур ёфтааст, мавриди тадқиқи густурдаву амиқ қарор гирифтааст. Бояд гуфт, ки баррасии масъалаҳои мазкур то кунун дар адабиётшиносӣ мубрам буда, ин афкор ҳанӯз аҳамият ва арзиши худро аз даст надодаанд.

Таҳқиқе, ки дар заминаи мукотиботи ин устодон аз ҷониби Наимова Фарзона ба сомон расидааст, баёнгарои он аст, ки Садриддин Айнӣ аз нахустин рӯзҳои қадам ба арсаи илму адабиёт ниҳодан то вопасин нафасҳои хеш барои забону адабиёти форсии Фарорӯд хидмати рустамона намуда, барои рушду равнақи онҳо тамоми ҳастии хешро бахшидааст. Дар боби сеюми рисола, ки

мавзуи меҳварии он забони тоҷикӣ ва мисоли марбут ба он мебошад, бори дигар мушоҳида мешавад, ки устод Айнӣ ба ин рукни ҳастии миллат басе дилсӯзонаву эҳтиёткорона муносибат намуда, ҳамчун асосгузори адабиёти навини тоҷик дар рушди забони тоҷикии адабӣ хидмати босазое намудааст.

Мушоҳидаи хулосаҳои муаллифи рисола шаҳодат аз он медиҳанд, ки масъала пурра ҳаллу фасл гардида, унвонҷӯ зимни пажӯҳиши мавзуи мазкур андешаҳои ҷолиби илмӣ ва дорои мантиқи устувор пешниҳод намудааст. Як назари иҷмолӣ ба феҳристи осори таҳқиқӣ муайян месозад, ки диссертант адабиёти заруриро мутоливу баррасӣ намуда, дар мавридҳои зарурӣ аз онҳо суд ҷустааст. Дар радифи ҷиҳатҳои мусбии рисолаи Наимова Фарзона, ки хеле зиёд мебошанд, камбудиву норасоиҳо низ ҷой дорад, ки зикри онҳоро ба мақсад мувофиқ медонем:

1.Унвони фасли сеюми боби аввал «Бозтоби саргузашт ва фаъолияти эҷодии А.Лоҳутӣ дар мактубҳояш ба С.Айнӣ» (саҳ. 11) ва фасли панҷуми ҳамин боб «Бозтоби фаъолияти эҷодии А.Лоҳутӣ дар мактубҳо ба С.Айнӣ» (саҳ.13) тақрибан як буда, такрор ба назар мерасад;

2. Дар саҳифаи 16 ва 17 як иқтибос аз як номаи Садриддин Айнӣ ба Абулқосим Лоҳутӣ ду маротиба оварда шудааст, ба андешаи мо яке аз он зиёдатӣ мебошад;

3. Дар қисмати хулосаи рисола аз давраи Сосониён маншаъ гирифтани номаву номанигориро тазаккур дода, замони ҳокимияти ин хонадонро солҳои 451-224 қабл аз милод нивишта шудааст (саҳ. 22), ки нодуруст мебошад.

Ногуфта намонад, ки камбудиҳои ҷойдошта сатҳӣ буда, арзиши илмии рисоларо кам карда наметавонанд ва бо эътимод метавон баён дошт, ки андешаҳои муаллиф дар адабиётшиносӣ сухани тоза буда, арзиши волои илмиро молик ҳастанд. Агар андешаҳои хешро доир ба арзиши илмии рисолаи

Наимова Фарзона Мехрубоновна дар мавзуи «Масъалаҳои адабиётшиносӣ дар мукотиботи Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ» ҷамъбаст намоем, чунин хоҳад буд, ки диссертатсияи дорои пояҳои қавии илмӣ буда, бо истифода аз усулу методҳои муосир таълиф шудааст ва муаллифи он арзандаи дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01.– Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мебошад.

**Доктори илми филология,**
**профессор, устоди кафедраи**
**забони тоҷикии Донишгоҳи**
**давлатии молия ва иқтисоди**
**Тоҷикистон** **Аслонова Н. Н.**
«6» 01 2023

**Нишонӣ: 734067 Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14,**
**Тел: (992) 985-44-44-08**
**E-mil: aslonzodan@mil.ru**

**Имзои Н. Н. Аслоноваро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои**
**махсуси Донишгоҳи давлатии молия ва**
**иқтисоди Тоҷикистон** **Шарипов Умед**
«06» 01 2023

ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ

**Нишонӣ: 734067 Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**шаҳри Душанбе, хиёбони**
**Тел: (992) 231-08-43**
**E-mil:tgfeu@tgfu.tj**